# «РОҲҲОИ ДАРЁФТ ВА РУШДИ ИСТЕЪДОДҲОИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ»

Таҳти ин унвон имрӯз, 29-уми майи соли 2025 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон Конференсияи илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.

Дар конференсия ходимони илмӣ, олимону муҳаққиқон, мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ ва мушовирони муассисаҳои томактабии шуъбаҳои маорифи шаҳри Душанбе иштирок намуданд.

Директори пажӯҳишгоҳ Ниёзӣ Сироҷиддин конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявиро ифтитоҳ намуда, ҳозиринро ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон табрику таҳният намуд. Директори пажӯҳишгоҳ бо таваҷҷуҳ аз дастгириҳои Роҳбарияти олии мамлакат иброз намуд, ки маҳз кӯдакони лаёқатманд барои ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти беҳамтои такрор кардани захираҳои зеҳнии инсониро фароҳам меоранд ва барои рушду таҳкими ояндаи давлати соҳибистиқлолии Тоҷикистон саҳмгузор хоҳанд шуд ва дар ин росто дар кишвар тамоми шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудааст.

Дар идомаи ҳамоиш сардори раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҷамшед Маҷидзода ибрози андеша намуда, қайд кард, ки муайян ва рушд додани истеъдод, қобилият ва шавқу рағбати фардии кӯдак-яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои томактабӣ ба ҳисоб меравад.

Сипас, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Шодӣ Сафаров суханронӣ намуда, қайд дошт, бо такя ба тадқиқотҳои илмӣ ва таҷрибаи давлатҳои пешрафта, метавон гуфт, ки кӯдакони дорои қобилият ва истеъдод дар таълим ва муошират фарқиятҳои назаррас доранд. Муайянсозии барвақтии чунин кӯдакон ва фароҳам овардани шароити муносиб барои рушди онҳо, вазифаи тамоми қишри ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар идома дар мавзуъҳои тарбияи кӯдакони болаёқат ва рушди истеъдодҳо дар зинаҳои аввали таҳсилот, роҳҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳои кӯдакони синни томактабӣ маърузаҳои илмӣ пешниҳод намуданд.

Сипас, кӯдакони боистеъдоди муассисаҳои томактабӣ аз лаёқати завқи баланди мусиқидонии худ, малакаи забондонӣ ва маҳорати баланди қироати шеър ҳунарнамоӣ намуданд. Аз ҷониби роҳбарияти пажӯҳишгоҳ кӯдакон бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

Дар фарҷоми қисмати асосии ҳамоиш ба олимону мутахассисони соҳа «Ифтихонома» ва «Сипоснома»-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ барои саҳми муносиб гузоштан дар татбиқу амалӣ намудани сиёсати маорифпарварона, ба даст овардани нишондиҳандаҳои

баланди касбӣ, саривақт иҷро намудани уҳдадориҳои вазифавӣ ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ супорида шуданд.

Бо баррасии мавзуъҳои пешниҳодшуда ҳамоиши илмӣ кори худро ҷамъбаст намуд.


















КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ
ДАР МАВЗУИ
«НАҚШИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР РУШДИ ИСТЕЪДОДҲО»
БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХИФЗИ КӮДАКОН




ДАР МАВЗУИ




МАҶЛИСГОХ


МАҶЛИСГОХ








АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ
ЭМОМАЛӢ РАҲМОН



